«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
доктори илми биология, профессор
__________________ Давлатзода С.Х.
«__26__» ______майи______ 2023

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба диссертатсия ва автореферати Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ» ба шиносномаи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мутобиқат менамояд.

Адабиёти гуфтории тоҷикон як рукни муҳим ва устувори фарҳанги миллӣ мебошад, ки он дар ҳамаи давраи инкишофи худ ба таҳқиқ ва пажуҳишҳои ҷомеъ ва фарогир ниёз дорад. Хоса дар замони мо, ки арзишҳои миллӣ, масъалаҳои худшиносӣ ва худогоҳии мардум арзишҳои хоса пайдо менамоянд, ин масъала боз ҳам бештар арзиши илмӣ касб кардааст. Ба ҳамин хотир, мавзуи диссертатсияи доктории Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир, ки ба таҳқиқи поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ ихтисос дорад, дар самти омӯзиши адабиёти гуфтории тоҷикон ва хоса омӯзиши назми гуфторӣ, муҳим арзёбӣ мешавад. Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Қосимӣ С.А. дар заминаи назария ва шеваҳои муҳиму муосири илми фолклоршиносӣ фароҳам омадааст, ки он аз ҳар ҷиҳат илми филология ва мардумшиносии тоҷикро ғановат мебахшад.

Бояд таъкид кард, ки диссертант солиёни зиёд рӯи мавзуи мавриди назар таҳқиқоти ҳирфаӣ ва майдонӣ бурда, натоиҷи илмии онҳоро дар шакли диссертатсияи докторӣ пешниҳод намудааст. Воқеан, сурудҳои мардумӣ як бахши муҳим ва асосии назми гуфтории халқи тоҷик буда, он дар тули таърихи дароз аз нигоҳи шаклу мазмун, мавзую муҳтаво, таркиби жанрию адабӣ таҳаввулу такомул ёфта, дар сурати имрӯзӣ дар байни халқ маъруфият ва маҳбубият дорад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Сохтори умумии кор, мубрамӣ ва

аҳаммияти баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои асосии масъалаҳои таҳқиқшаванда, мавзуъ, масоил ва соҳаи таҳқиқот, навгонӣ ва бозёфтҳои илмии таҳқиқ ва аҳаммияти амалии он, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳою натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари ӯро нисбат ба мавзуи пажуҳиш инъикос менамояд. Муаллиф дар раванди таълифи диссертатсия ҳангоми баррасии масъалаҳои назарӣ ва амалӣ масъалаҳои дарпешгузоштаро ҳал намудааст. Диссертант ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои матраҳшаванда аз равишҳои таҳқиқии муосир, аз ҷумла муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, сохторшиносӣ ва таҳлили услубӣ истифода карда, бори аввал ба таври комплексӣ масъалаҳои ба таҳқиқи сурудҳо дахлдоштаро дар қолаби кори диссертатсионӣ баррасӣ ва ҷамъбаст кардааст. Ҳамчунин, арзиш, аҳаммият ва вижагиҳои мубрами сурудҳои халқии тоҷикиро дар мақола, рисолаи илмӣ ва дастурҳои таълимии худ нашр намудааст.

Дар таърихи фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик бори аввал жанри сурудро ба таври ҷудогона дар партави фарҳанги ниёгон ва дастовардҳои илми фолклоршиносии кишварҳои хориҷӣ таҳқиқ намуда, бо далелҳои илмӣ поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикиро аз ҷиҳати сохтор, мавзуъ ва бадеият мавриди пажуҳиши доманадор қарор додааст. Бинобар ин, бешубҳа, метавон даъво кард, ки диссертатсияи доктории аз ҷониби Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир таълифшуда бо дарназардошти дастабандии мураттаби мавзуоти баррасишаванда, тарҳи мантиқан муназзами бобу зербобҳои диссертатсия ва меҳварҳои аслии барои ҳимоя манзуршаванда, густардаву фарогир ва бо равишҳои тозаву дидгоҳҳои нави илмӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор додани масоили мавриди баҳс, пажуҳишу таҳқиқи муфассали мушаххасоти поэтикии сурудҳои халқии тоҷикӣ қобили арзиш ва шоистаи таҳсин аст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Қосимӣ С.А. аз чор боб ва фаслҳову зерфаслҳои гуногун иборат мебошад, ки ҳар яки онҳо ба проблемаҳои муҳимми хурду бузурги марбути поэтикаи сурудҳои халқӣ ихтисос доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ то ба ҳол дар илми фолклоршиносии тоҷик мавриди таҳқиқи ҷиддии илмӣ қарор нагирифта буд ва диссертатсияи мазкур аз нахустин корҳои илмиест, ки ба таҳқиқу баррасии густардаву фарогири илмии масъалаи мазкур бахшида шудааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ**. Таҳқиқу баррасии поэтикаи сурудҳои мардумӣ дар доираи диссертатсияи илмӣ барои муайяну равшан намудани масоили мухталифи назми гуфтории халқи тоҷик ва форсизабонони бурунмарзӣ ва баъзе масоили назарӣ ва қонунмандиҳои пайдоиш ва рушди жанрҳои манзуми фолклорӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Маводи диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ зимни таълифи китобҳои дарсӣ ва дастуру васоити таълимӣ оид ба адабиёти гуфтории халқи тоҷик судманд хоҳад буд. Инчунин, хулосаву натиҷагириҳои муаллифро аз масоили баррасишаванда ҳангоми таълими фанҳои фолклоршиносӣ, назарияи адабиёт, курсҳо ва семинарҳои тахассусӣ, кишваршиносии адабӣ ва дигар фунуни адабиётшиносӣ истифода бурдан мумкин аст.

Боби якуми диссертатсия **«Истилоҳ ва хусусиятҳои жанрии сурудҳои халқии тоҷикӣ»** унвон дошта, аз ду фасли алоҳида иборат мебошад. Дар фасли аввали боби мазкур диссертант истилоҳи «суруд» ва муродифҳои онро, ки дар фолклоршиносии муосир корбурди бештар доранд, мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Диссертант бо такя ба назарияҳои маъруфи шинохти сурудҳои мардумӣ ва бо истифода аз маъхазҳои хаттию илмӣ таъкид менамояд, ки вожаи «суруд» ҳамчун истилоҳи адабӣ ҳанӯз дар аҳди қадим мавриди истифодаи васеъ қарор доштааст. Аз ҷумла, дар китоби муътабари «Авесто» вожаи мазкур ба маънии «суруд», матни бо овоз сароидашаванда омадааст.

Дар ин фасли диссертатсия Қосимӣ С.А. бо такя ба луғатномаҳои муътабар ва сарчашмаҳои дигари қобили эътимод ҳам маънои луғавӣ ва ҳам маънои истилоҳии «суруд»-ро равшан менамояд. Диссертант дар натиҷаи ковишҳои илмии худ дар заминаи зуҳури истилоҳи «суруд» ва сайри таърихии он ба чунин хулоса мерасад, ки он қобили эътимод мебошад: «Аз ҷустуҷӯ, мутолиа ва ишораҳои фавқ маълум мешавад, ки калимаи «суруд» ба маънои сароидани матн бо созу овоз дар аксари забонҳои гурӯҳи эронӣ мавҷуд аст» (саҳ. 20). Ин нукта дар заминаи баррасии донишмандони соҳаи фолклори тоҷик Р.Амонов, Н.Шакармамадов, Д.Обидов, Б.Шермуҳаммадов ва дигарон таъйид мегардад, ки он воқеан арзиши илмии ҷустуҷӯйҳои диссертантро меафзояд.

Дар фасли дуюми боби аввали диссертатсия Қосимӣ С.А. хусусиятҳои жанрии сурудҳои халқиро ба таҳқиқ мегирад, ки идомаи мантиқии баррасии масоили мавриди назар дар боби мазкури диссертатсия мебошад. Ҷолиб он аст, ки дар фасли мазкур гунаҳои ин жанри маъруфи назми гуфторӣ аз қабили суруд, тарона, бадеҳа ва даргилик ба таври мушаххас тавзеҳ мешавад. Дар маҷмуъ, диссертант сурудҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: 1. Сурудҳое, ки аз қадим дар байни мардум аз тарафи сароядагони халқӣ хонда мешуданд; 2. Сурудҳои китобатӣ (маснавӣ, ғазал, қитъа, рубоӣ ва ғайра) мебошанд, ки

онҳоро сарояндагони касбӣ иҷро мекунанд. Диссертант таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро ба баҳсҳои дар атрофи жанри суруд ва хоса сурудҳои халқӣ ба миёномада тавзеҳ дода, дуруст таъкид менамояд, ки барои равшан намудани масъала пеш аз ҳама бояд матни илмию интиқодии сурудҳои халқии тоҷикиро бо вариант ва нотаҳояшон ба нашр расонид. Дар он ҳолат мо ба осонӣ метавонем, масъалаи ба навъҳо ҷудо кардани сурудҳои халқиро ба осонӣ ҳал намоем.

Дар ин фасли диссертатсия Қосимӣ С.А. дар мавриди муайян кардани анвои жанрии сурудҳои халқӣ бо фолклоршиносон ва муҳаққиқони пешин баҳс менамояд ва дар ин маврид назари худро бо далелҳои қобили эътимод баён мекунад. Вай ба иллати кам будани матнҳои сабтгардидаи ин навъи назми гуфторӣ тақсимбандии анвои жанрии онро ба таъхир мегузорад, ки ин фолклоршиносони тоҷикро водор месозад, ҳар чи бештар сурудҳоро аз даҳони саояндагони мардумӣ сабт намоянд.

Дар идомаи андешаронии худ диссертант истилоҳи «тарона»-ро ҳамчун муродифи вожаи «суруд» тавзеҳ медиҳад, ки он воқеан дар байни мардуми минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва тоҷикони муқими кишварҳои дигар маъруф аст. Қосимӣ С.А. бо боварии комил таъкид менамояд, ки «тарона» ҳамон суруд аст, ки онро мардум ва хоса ҳофизон месароянд. Воқеан, ин истилоҳ хеле машҳур ва маъруф аст. Онро на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Афғонистон ва Эрон ҳам ба ҳамин маънӣ истифода мекунанд. Қосимӣ С.А. таронаро ба ҳайси як навъи сурудҳои халқӣ баррасӣ намуда, оид ба сохтори жанрӣ, вазн, қофия ва дигар хасоиси адабию эстетикии он изҳори назар менамояд. Вай зимни баррасии андешаҳои Р.Амонов, Н.Шакармамадов ва дигарон гунаҳои дигари назми гуфторӣ – бадеҳа ва даргиликро ҳам муфассал мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Масъалаи дигари муҳими фолклоршиносии муосир, ки Қосимӣ С.А. таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро ба он ҷалб менамояд, ин гирдоварӣ, нашр ва таҳқиқи сурудҳои халқии тоҷикӣ мебошад. Масоили мазкур дар ду фасли асосии боби дуюми диссертатсия ба таҳқиқ омадааст. Масъалаи гирдоварию нашри сурудҳои халқӣ, ки аз ҷумлаи проблемаҳои муҳимми таҳқиқи назми гуфторӣ маҳсуб меёбад, дар фасли якуми боби дуюми диссертатсияи мавриди назар баррасӣ мегардад.

Дар фасли номбурда Қосимӣ С.А. таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро ба вижагиҳои хоси сайри таърихии сурудҳои халқии тоҷикӣ ҷалб менамояд, ки он далели дигари муҳиммияти омӯзиши ин навъи назми гуфторӣ мебошад. Диссертант дар заминаи таҳлил ва баррасии сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва маҷмуаҳои муосири фолклорӣ бисёре аз проблемаҳои марбути гирдоварӣ, сабт, интиқол ва

шеваҳои таҳияи матни сурудҳои мардумиро тавзеҳ дода, таваҷҷуҳи муҳаққиқони фарҳанги мардумро ба як қатор камбудию норасоӣ ва нобасомониҳо дар ин самт ҷалб менамояд. Дуруст таъкид мешавад, ки агар гирдоварӣ ва нашри сурудҳои тоҷикиро бо халқҳои дигар муқоиса намоем, равшан мегардад, ки фолклоршиносони мо дар ин самт хеле кам ҳавсала карданд. Диссертант дар ин самт ба чунин хулоса мерасад, ки он барои таҳқиқу гирдоварӣ ва нашри матни сурудҳои халқӣ аз ҳар ҷиҳат муҳим арзёбӣ мегардад: «Матни сурудҳои халқӣ асосан ба се равиш чоп гардидааст: 1. Бо равиши оммавӣ дар канори матнҳои дигар; 2. Бо равиши илмӣ бидуни нота; 3. Бо равиши илмӣ бо нота» (саҳ. 88). Ба андешаи диссертант ин нашрҳо ҳанӯз ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Бояд кӯшиш кард, ки «Куллиёти сурудҳои халқии тоҷикӣ»-ро дар чанд ҷилд ба нашр расонид. Воқеан, ин пешниҳоди қобили мулоҳиза мебошад, зеро он натиҷаи таҳлили муфассали нашрҳои зиёди сурудҳои халқӣ дар солҳои гуногун мебошад. Дар ин фасл диссертатсия Қосимӣ С.А. бурду бохти муҳимтарин нашрҳои сурудҳои халқии тоҷикиро бо далелҳои муътамади илмӣ ва тибқи талаботи равишҳои муосири таҳқиқи осори гуфторӣ ва фарҳанги мардум нишон медиҳад. Вай бо зикри масъалаҳои муҳими омӯзиши назми гуфторӣ, таваҷҷуҳи аҳли назарро ба моҳияти адабию ҳунарӣ ва зебошинохтии онҳо ҷалб менамояд.

Дар фасли дуюми боби дуюми тадқиқоти мазкур диссертант масъалаи омӯзиши сурудҳои халқиро ба таври куллӣ ба баррасӣ мекашад. Вай дар маҷмуъ таълифоти илмии дар мавриди сурудҳои халқӣ банашррасидаро ба се даста тақсимбандӣ менамояд, ки онҳо мақолаҳои ҷудогона ба нашрасида, сарсухани маҷмуаҳои фолклорӣ ва рисолаҳои илмӣ мебошанд. Баъдан, ба таври хронологӣ сатҳу сифати таълифоти марбути сурудҳои халқӣ, ки тайи солҳои гуногун ба нашр расиданд, арзёбӣ мешавад. Диссертант зимни баррасии тадқиқотҳои муҳими фолклоршиносони маъруф Р.Амонов, Р.Қодиров, В.Асрорӣ, Н.Азимов ва Н.Шакармамадов муҳимтарин андешаҳои илмию назарӣ ва амалии марбути омӯзишу баррасии сурудҳои халқиро тавзеҳ дода, таваҷҷуҳи фолклоршиносони имрӯзаро ба масъалаи марбути поэтикаи сурудҳои халқӣ ҷалб мекунад. Вай таъкид менамояд, ки сарфи назар аз баёни андешаҳои гуногун то имрӯз дар мавриди ҷанбаҳои адабию ҳунарии сурудҳои халқии тоҷикӣ тадқиқоти монографии фарогир ба вуҷуд наомадааст. Ба назари мо, ин ·халои илмию пажуҳишӣ тавассути тадқиқоти мазкур ва пажуҳишҳои минбаъдаи диссертант ва муҳаққиқони дигар пур мегардад.

Яке аз бобҳои пурбори диссертатсияи Қосимӣ С.А. боби сеюми он мебошад, ки аз фаслҳои зиёде фароҳам меояд. Ин ҷо сурудҳои халқӣ аз нигоҳи анвои адабӣ ва мавзуъ таҳқиқ мешаванд. Дар фасли аввали ин боби

диссертатсия Қосимӣ С.А. масъалаи таснифи сурудҳои халкиро ба миён мегузорад. Вай гурӯҳбандии то имрӯз аз тарафи Р.Амонов, Б.Шемуҳаммадов, Д.Обидов, Р.Аҳмадов, Р.Раҳмонӣ, Д.Раҳимов ва дигарон суратгирифтаро нокомилу баҳснок баҳогузорӣ намуда, дуруст таъкид мекунад: «Ба назари мо, таснифоти масъалаи мазкур дар оянда бояд ба таври ҷудогона ва муфассал мавриди баррасӣ қарор гирад. Вале дар айни замон ҳар табақабандӣ ё ба навъҳо ҷудо кардан нисбӣ буда, фикри як муҳаққиқ фикри муҳаққиқи дигарро комил месозад» (саҳ. 126). Баъдан, диссертант дар заминаи дидгоҳҳои муосири илми фолклоршиносӣ шартан сурудҳои халқиро ба ҳашт гурӯҳ ҷудо мекунад, ки ин тасниф баъди нашри мукаммали ин навъи назми гуфторӣ бояд таҷдиди назар шавад.

Яке аз бахшҳои муҳими сурудҳои халқӣ ин сурудҳои маросимҳои мавсимӣ мебошад, ки он дар фасли дуюми боби мазкур баррасӣ мегардад. Ҷойи таъкид аст, ки мардум аз замонҳои қадим дар робита ба ҳар фасли сол мушоҳидаҳои худро ба таври мансуру манзум баён намудаанд. Дар ин маврид мардум бештар ба жанри суруд рӯй овардаанд, ки он воқеан, навъи мувофиқи назми гуфторӣ мебошад. Дар ин бахши диссертатсия Қосимӣ С.А. сурудҳои маъруфи мардумии «Гулгардонӣ», «Бойчечак», «Суруди наврӯзӣ», «Баҳор омад», «Бобо бидеҳ наврӯзиям» ва ғайраро аз нигоҳи муносибати мавсимӣ ва ҷанбаҳои адабию ҳунарӣ баррасӣ менамояд. Ӯ дуруст таъкид менамояд, ки сурудҳои ба фасли баҳору ҷашни Наврӯз бахшидашуда аксаран дорои оҳанги нишот ва шодию сур ҳастанд. Ҳангоми бо мусиқӣ иҷро шудан вижагиҳои дар боло зикргардидаи сурудҳои халқӣ равшан бозтоб мегардад.

Қосимӣ С.А. дар бахши дигари боби сеюми диссертатсия сурудҳои маросимиро дар алоҳидагӣ ба таҳқиқ мегирад. Ин ҷо асосан сурудҳои маросимҳои хонаводагӣ, аз қабили сурудҳои туёна, гаҳворабандон, сурудҳои мотам ва ғайра таҳлил мешавад, ки онҳо дар маҷмуъ, як бахши муҳимми сурудҳои халқии тоҷикиро ташкил менамоянд. Масалан, дар бахши сурудҳои туёна диссертант сурудҳои маъруфи мардумии «Гуларусак», «Саршӯён», «Устои ланги сартарош» ва ғайраро, ки дар маросимҳои арусӣ суруда мешаванд, таҳлил карда, дар ин таронаҳои мардумӣ бозтоб гардидани як қатор суннатҳои халқиро тавзеҳ медиҳад. Ҷолиб он аст, ки диссертант зимни баррасии матни сурудҳои халқӣ дар баробари ҷанбаҳои адабию поэтикӣ ба вижагиҳои мардумшиносии онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Ин шеваи таҳқиқи маводи фолклорӣ ҷанбаҳои илмию пажуҳишии диссертатсияро қавӣ мегардонад.

Дар мавриди сурудҳои маросими мотам Қосимӣ С.А. дуруст таъкид менамояд, ки ин қабил сурудҳоро бояд вобаста ба раванди маросими мотам

таҳқиқ намуд. Чунки ин навъи сурудҳои маросимӣ ҳангоми мотам аз ҷониби хешовандони шахси фавтида бо сӯзу гудоз иҷро мешаванд. Махсусан, занҳо то маросими чили шахси фавтида сурудҳои мотамиро замзама мекунанд ва ба ин васила дарду алами руҳии худро аз фавти шахси наздик сабук мегардонанд. Қосимӣ С.А. дар баробари тавзеҳи мазмуну муҳтаво ва хасоиси адабию ҳунарии маросимҳои мардумӣ арзиши муҳими мардумшиносӣ доштани онҳоро нишон медиҳад. Гузашта аз ин, дар диссертатсия ба хотири ба таври мушаххас равшан намудани хусусиятҳои адабию ҳунарӣ, вижагиҳои жанрию поэтикии сурудҳои мотамии мадумӣ бо намунаҳои маъруфи сӯгномаҳои навиштори, ки дар эҷодиёти шоирони касбӣ шумораашон кам нест, қиёсан баррасӣ карда мешавад.

Дар фаслҳои баъдии боби сеюми диссертатсия сурудҳои ғиноӣ, таърихӣ, ҳаммосӣ, динӣ, ҳаҷвӣ, «алла»-ю бачагона дар алоҳидагӣ мавриди пажуҳиш қарор мегиранд, ки онҳо на танҳо муҳтавои боби мазкур, балки таснифоти сурудҳои халқиро, ки диссертант аз нигоҳи нав ба миён мегузорад, пурбору ғанӣ мегардонад. Ҳар яке аз гурӯҳу мавзуъҳои дар боло зикргардида дар баробари андешаҳои назарӣ, инчунин бо мисол ва намунаҳо оварда шудаанд, ки маводи таҳлилшуда ҳам яке аз ҷиҳатҳои хуби зерфаслҳои мазкур мебошад.

Ҷанбаҳои сохторӣ, адабию ҳунарӣ, вариантнокӣ, шеваҳои иҷро ва ҳамоҳангии сурудҳои халқии тоҷикӣ бо мусиқӣ, ки масъалаи асосии диссертатсия мебошанд, дар боби чорум хеле муфассал ва ҳаматарафа тавзеҳ дода мешавад. Диссертант ба масоили гуфташуда ишора намуда, печидагии масъалаи мазкурро ба гуногунжанрии онҳо алоқаманд менамояд, ки он воқеан дуруст аст. Чунки аксари сурудҳои халқӣ дар қолаби байт, рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, қитъа ва ғайра суруда шудаанд. Зимни таҳқиқи анвои жанрии сурудҳои халқӣ Қосимӣ С.А. бо далелҳои равшан собит менамояд, ки ҳангоми иҷро хусусиятҳои жанрии баъзе аз сурудҳои мардумӣ тағйир меёбад ва ин падидаро метавон ба ҳайси яке аз қонунмандиҳои асосии зуҳуру таҳаввули сурудҳои мардумӣ арзёбӣ намуд. Нуктаи дигари ҷолиби таваҷҷуҳ дар сурудҳои мардумӣ ин мақом ва мавқеи нақарот дар сохтори онҳост ва маҳз зуҳури нақарот барои тағйири шакли жанрии суруд замина мегардад. Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки маҳз ҳамин нақарот дар баёну ифодаи ҳадафи суруд барои гӯяндаву шунавандаву хоса, барои такмили матн муҳим мебошад. Аз нигоҳи фолклоршиносӣ нақаротро байти такрор ва банди такрор ҳам меноманд.

Дар баробари нақарот ва хасоиси жанрии сурудҳои халқӣ дар фаслҳои баъдинаи боби чоруми диссертатсияи мазкур вазну қофия ва ва радифи сурудҳои мардумӣ зимни таҳлили матнҳои аз маҳалҳои гуногуни тоҷикнишин гирдоваригардида баррасӣ гаштааст. Баъдан, сурудҳои халқӣ аз нигоҳи

корбасти воситаҳои тасвири бадеӣ ба таҳқиқ гирифта шудаанд. Бо назардошти вижагиҳои иҷрои сурудҳои мардумӣ диссертант таъкид менамояд, ки дар сурудҳои халқӣ истифодаи фаровони воситаҳои тасвири бадеиро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Ин нукта зимни таҳлили матнҳои зиёди сурудҳои халқӣ тавзеҳ мешавад. Аз баррасиҳои муфассали Қосимӣ С.А. маълум мегардад, ки санъатҳои бадеии такрор, рамз, ташбеҳ, параллелизм, тавсиф, талмеҳ, муболиға, саволу ҷавоб, ширу шакар ва ғайра дар ин бахши назми гуфторӣ корбурди зиёде доштаанд.

Масъалаи вариантнокиро, ки аз хусусиятҳои асосии матнҳои фолклорист, диссертант дар фасли алоҳида таҳқиқ намуда, ба чунин хулосаи дурусти илмӣ мерасад, ки матни фолклорӣ ҳатман бояд дорои нусхаҳои зиёд бошад. Агар матн вариант надошта бошад, он гоҳ он матн фолклорӣ шуда наметавонад, ки он нуктаро аксари фолклоршиносони маъруф таъйид кардаанд. Ин нукта зимни таҳлили матни сурудҳои мардумӣ бо вариантҳояшон таъкид мешавад. Қосимӣ С.А. дуруст таъкид менамояд, ки сурудҳои халқӣ ҳар қадар варианти зиёд дошта бошанд, онҳо ҳамон андоза мардумитар мегарданд.

Хусусиятҳои услубӣ ва масъалаи таносуби матну оҳанги сурудҳои халқӣ дар фаслҳои баъдии диссертатсияи Қосимӣ С.А. мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Ин масъалаҳо дар пажуҳиши мавриди назар вобаста ба забон ва лаҳну оҳанги сурудҳои халқӣ тавзеҳ дода шудааст. Воқеан, барои иҷрои ин қабил таронаҳои халқӣ тарзи иҷро, хоҳишу завқи шунавандагон, маҳорати навозандагону овозхонҳо ва интихоби дурусти матн муҳим мебошад. Чунки иҷрои сурудҳои мардумӣ ҳамеша ва дар ҳар давру замон боиси дилхушӣ ва тақвиятбахшии завқу салиқаи эстетикии мардум мегардад.

Дар бахши хулосаи диссертатсия Қосимӣ С.А. натиҷагириҳои худро аз таҳқиқи поэтикаи сурудҳои халқӣ ба таври мушаххас дар 16 банд баён мекунад, ки аксари онҳо пояҳои устувори илмӣ дошта, қобили эътимод мебошанд. Илова бар ин, диссертатсия дар маҷмуъ дар сатҳу савияи илми фолклоршиносии муосир таълиф гардидааст ва он воқеан метавонад дар таҳқиқи назми гуфторӣ ва умуман, омӯзиши фарҳанги мардум, саҳифаи тозаеро боз намояд. Бисёре аз хулосаҳои назарии диссертант барои таҳқиқи минбаъдаи анвои гуногуни сурудҳои халқӣ роҳ мекушояд.

Агар ба китобномаи диссертатсия ва феҳристи таълифоти муаллифи он таваҷҷуҳ кунем, маълум мешавад, ки Қосимӣ С.А. солҳои тулонӣ рӯйи маводи мазкур тадқиқот бурда, ба хотири ба анҷом расонидани он осори зиёди илмию назарии фолклоршиносӣ, осори фолклорию мардумшиносӣ ва ғайраро омӯхтааст. Монография ва 20 мақолаи дар ин замина банашррасонидаи

диссертант далели эътирофи ӯ ба ҳайси фолклоршиноси варзидаю ба камолоти илмию пажуҳишӣ расида мебошад.

Дар баробари муҳассаноти мазкур дар диссертатсия баъзе камбуду норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикрашон ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Корбурди истилоҳи «адабиёти гуфторӣ», ки ба ҷойи истилоҳоти маъруфи «адабиёти шифоҳӣ» ва «фолклор» дар диссертатсия зиёд истифода мешавад, тавзеҳи муфассали илмӣ мехоҳад.
2. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ бисёре аз корҳои муҳимми дар заминаи фолклори халқҳои ҳамзабони Эрону Афғонистон анҷомдодаи муҳаққиқони кишварҳои номбурда аз назари диссертант дур мондаанд.
3. Хуб мебуд, ки диссертант ҳангоми таснифи сурудҳои халқӣ аввал меъёри таснифро муфассал тавзеҳ медод.
4. Дар таҳқиқи санъатҳои тасвири бадеӣ диссертант санъатҳои лафзиро аз санъатҳои маънавӣ ҷудо мекард, беҳтар буд.
5. Дар боби чоруми диссертатсия сабки баёни ширу шакар дар қатори санъатҳои бадеӣ зикр мегардад, ки онро бояд ислоҳ кард.
6. Масъалаҳои вазн, қофия ва радиф, ки аз ҷумлаи унсурҳои асосии поэтика мебошанд, тавзеҳи бештар талаб мекунанд.

Зикри эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, онҳо арзиши илмии диссертатсияро халалдор намесозанд. Муҳтавои диссертатсия собит месозад, ки диссертант вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро асосан иҷро кардааст. Мазмуну муҳтаво, натиҷагириҳои муаллиф ва ҳаҷми таҳқиқоти мазкур ба талаботи диссертатсияҳои докторӣ комилан ҷавобгӯст. Автореферат, монография ва мақолаҳои зиёди банашррасонидаи муҳаққиқ мазмуни асосии диссертатсияро ифода мекунанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулкодир «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ» таҳқиқоти комилу ба анҷомрасида буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешниҳоди диссертатсияи докторӣ ҷавобгӯ ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ сазовор мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи доктории Қосимӣ Саъдӣ Абдулкодир дар мавзуи «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 26-уми майи соли 2023, суратҷаласаи №10 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Тағаймуродов Рустам Ҳакимович**

**Мудири кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав,**
**номзади илмҳои филологӣ:** **Аҳмадов Сафармад Гадомадович**

**Эксперт:**
**доктори илми филология,**
**профессори кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Икромов Искандар**

**Котиби илмии ҷаласа:**
**номзади илми филология, саромӯзгори**
**кафедраи адабиёти тоҷик** **Ҳакимов Саъдулло Тағаймуродович**

**Имзоҳои Р.Тағаймуродов, С. Аҳмадов, И. Икромов ва С. Ҳакимовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷамшед Абдуалим**

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
**735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53. E-mail: ktsu78@mail.ru**

“26” 05 соли 2023